«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори ДМТ,
профессор Хушвахтзода Қ. Х.
________________________________
«_____» ________ 2023с.

Хулосаи

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**доир ба диссертатсияи Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна дар мавзуи «Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ.**

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ичро шудааст. Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз 27.09.2018, суратмаҷлиси №9 тасдиқ гардидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна ҳамчун унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳисоб мерафт. Номбурда аз соли 2015 то 2017 дар вазифаи нозири шуъбаи кафедраҳои умумидонишгоҳӣ, аз соли 2017 нозири шуъбаи таҳсилоти фоиславӣ ва аз соли 2018 ҳамчун асистенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров фаъолият мекунад. Соли 2010 факултети кибернетикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз рӯйи ихтисоси муҳандис – иқтисодчӣ хатм кардааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ: доктори илмҳои фалсафа., профессор Маҳмадизода Н.Д. мебошад.

Кафедраи онтология ва назарияи маърифат дар асоси баромади муқарризон ва муҳокимаи аъзои кафедра хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсяи Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзишу аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона иҷро гардида, дорои натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад.

Мақсади асосии таҳқиқи рисолаи мазкур таҳлили мукаммали ахлоқи иттилотӣ-компютерӣ ба ҳисоб рафта, барои расидан ба ин мақсад диссертатант дар қатори дигар вазифаҳо таҳлили фалсафии мушкилоти ахлоқӣ дар фаъолияти иттилоотӣ-компютерии шахс ва муайян намудани натиҷаҳо ва оқибатҳои онҳо дар доираи тамоилоти аксиологиро хело муҳим меҳисобад.

Дар рафти тадқиқоти илмӣ ва таҳияи диссертатсия муаллиф қайд мекунад, ки дар ҷомеаи техногенӣ иттилоот ба сифати манбаи муҳимми баланд бардоштани иқтидори моддию маънавии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, барқарор кардани робитаҳои мутақобилан судманд, танзими муносибатҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баромад мекунад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқи илмӣ мутақил буда, тамоми таълимот ва асарҳои доир ба ин мавзуъ мавҷуд бударо омухтаанд. Ҳамчунин, ҳангоми муайян намудани мақсадҳои асосӣ, тадқиқотҳои назариявии бадастоварда ва роҳҳои ҳалли натиҷаю хулосавии он фаъол ва саҳмгузор мебошад. Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба чоп расонида шудаанд, ҷанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҷанбаи назариявиву амалӣ кор дар он ифода меёбад, ки омӯзиши масъалаҳое, ки дар диссертатсия матраҳ шудаанд, барои ташаккул ёфтани маърифат ва идроки арзишҳои ҷомеаи умумиҷаҳонӣ ва ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат мекунад. Таҳлили консептуалии ҷанбаҳои ахлоқии истифодаи бехатарӣ аз технологияҳои иттилоотӣ метавонад ҳангоми

таҳияи барномаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи амнияти технологияи иттилоотӣ ва ахлоқи иттилоотӣ истифода шавад.

Дар асоси омузиши дараҷаи омузиш, таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва илмию амалии мавзуъ, диссертант чунин навгониҳои илмии таҳқиқотро пешниҳод баён намудааст:

- дар доираи фазои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон фалсафаи ахлоқи иттилотӣ-компютерӣ ба таври муназзам ва мушаххас бори нахуст мавриди таҳлил қарор мегирад, ки дар раванди он заминаҳои назариявӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ахлоқи иттилоотӣ муқаррар гардиданд;

- асосҳои фалсафӣ ва ахлоқии мушкилоти ахлоқӣ ва амнияти иттилоотӣ ба низом дароварда мешавад;

- аҳамияти ахлоқи иттилоотӣ барои боздошти таъсири манфии истифода аз технологияи иттилоотӣ, хатарҳо ва таҳдидҳои дар низоми иттилоотӣ тавлидшуда асоснок карда мешавад;

- дар мисоли муҳити иттилоотии Тоҷикистон асоснок карда мешавад, ки амнияти иттилоотии шахс ҳамчун шаҳрванди он аз нуқтаи назари башардӯстона баррасӣ шуда, барои фаҳмиш, таҳқиқ ва таъмини ин башардӯстӣ зарур аст, ки мувозинати манфиатҳои иттилоотии шахс, аз як тараф ва манфиатҳои иттилоотии давлат ва ҷомеа, аз тарафи дигар, ба мувофиқат ва мувозинат оварда шаванд;

- нахустин маротиба консепсияи фалсафӣ-иҷтимоии таҳаввулоти робитаҳо ва муносибатҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ дар давлат ва ҷомеаи Тоҷикситон ва таъсири он ба ахлоқи шаҳрвандони он, ки бар пояи он таҳаввулоти арзишҳои инсонӣ дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон сурат мегиранд, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки натиҷаҳои тадқиқотро метавон ҳангоми таҳқиқи падидаи амнияти иттилоотӣ тавсиа дода, ақидаҳои илмиро дар бораи иқтидори арзишии ҷомеаи ташаккулёбанда мушаххас намуда, барои дарки амиқтари асосҳои дигаргунсозии иҷтимоию

фарҳангии ҷомеаи муосир ва дурнамоҳои рушди он мусоидат намуд. Таҳлили консептуалии ҷанбаҳои ахлоқии истифодаи бехатар аз технологияҳои иттилоотӣ метавонад ҳангоми таҳияи барномаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи амнияти технологияи иттилоотӣ ва ахлоқи иттилоотӣ истифода шавад.

Андешаҳо ва хулосаҳое, ки дар кори тадқиқотӣ вуҷуд доранд, метавонанд барои тадқиқоти минбаъдаи ин масъала дар фалсафаи иҷтимоӣ замина гузоранд. Маводи диссертатсияро дар курсҳои лексионии фалсафаи иҷтимоӣ, ахлоқ, фалсафаи илм ва техника, информатикаи иҷтимоӣ, консепсияҳои табиатшиносии муосир, инчунин дар курсҳо оид ба фалсафаи бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеа истифода бурдан мумкин аст.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:

1. Исомадинова Ф. М. ”Масъалаи моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир” Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Душанбе, 2022.– С 112–117.

2. Исомадинова Ф. М. “Тавзеҳ ва таснифи мазмун ва моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ дар консексияҳои муосири илмӣ” // Ахбороти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе 2022.– С 180–188.

3. Исомадинова Ф. М. «Феномен информационной этики: историко-социальные предпосылки ее возникновения и становления» Ахбороти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе, 2022.– С 14–19.

4. Маҳмадизода Н.Д, Исомадинова Ф. М ”Ахлоқи иттилоотӣ ва нақши он дар таъмини амнияти иттилоотӣ” Ахбороти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе, 2022 Ахбори №4. - С.46–54

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи масъалаи ахлоқи иттилоотӣ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки он кори мустақили тадқиқотӣ мебошад ва аз салоҳияти касбии муаллифи он шаҳодат медиҳад. Диссертант ҳадаф ва вазифаҳои кори таҳқиқотиро мустақилона муайян намуда, маҷмуи усулҳои таҳлили маводи ибтидоиро, ки ба вазифаи дар пеш гузошташуда мувофиқ аст, дуруст интихоб намуда, моҳирона истифода бурда, маҷмуи пурраи меъёрҳои заруриро дар ҳамаи қисмҳои диссертатсия риоя намуда, маълумотҳои ба даст овардашударо таҳлил намуда, хулосаи зарурӣ баровардан, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқотӣ анҷом додааш, пешниҳодҳои мушаххас баён намудааст.

Муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки мушкилоти ахлоқӣ на танҳо дар он ифода меёбад, ки василаҳои нави асоснок кардани ҳуқуқро ба шакли нави моликият дарёбад, балки дар таҳлили масъалаҳое низ ифода меёбад, ки ба одилона будани қонунҳои моликияти зеҳнӣ ва ё усулҳои нави маърифати қонунҳо дар бораи моликияти зеҳнӣ ишора мекунад ва дар асоси онҳо бояд ҷомеаи ҷаҳонии корбарони шабакаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ барпо гарданд. Ин мушкилот, инчунин ба қарорҳое иртибот доранд, ки онҳоро худи компютерҳо қабул мекунанд.

Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, бо «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна дар мавзуи «Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ», аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ пурра мувофиқат менамояд.

Мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ва автореферати диссертатсия мухтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Диссертатсияи мазкур аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна дар мавзуи «Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ», аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ кори мустақилона ва анҷомёфта буда, ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи милии Тоҷикистон 11 марти соли 2023 қабул гардид.

Дар маҷлис 12 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод намудани диссертатсияи Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна ба тариқи зайл сурат гирифт: тарафдор 12 нафар; зид нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №10 аз 11. 03. 2023.

**Мудири кафедраи онтология ва назарияи маърифат факултети фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ**

**Котиб, муаллими калон** **Калонзода Ф.И**

**Имзои Ҳаитов Ф.Қ**
**ва Калонзода Ф.И-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**